# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон дар мавзуи "Муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08- назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст.

Таҷрибаи таърихӣ шаҳодат медиҳад, ки афроди босаводу донишманд барои ҳар як давлату миллат сарвати бебаҳо ва нерӯи тавонои зеҳнӣ ба шумор мераванд.

Бинобар ин, дар асоси таҷрибаи таърихиву арзишҳои фарҳангии миллӣ тарбия намудани насли наврас ва омода намудани мутахассисони соҳибкасби ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ яке аз вазифаҳои муҳимми низоми маорифи мамлакат маҳсуб меёбад.

Барои расидан ба ин ҳадаф сатҳи касбии педагогон ва тарбиятдиҳандагон дар ҳамаи бахшҳои низоми маорифи мамлакат бояд ба талаботи ҷаҳони муосир мутобиқ бошад, яъне муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ ба сатҳи байналмилалӣ расонида шаванд, то ки дастпарварони муассисаҳои таълимӣ дар асри иттилоотиву иртиботӣ қобилияти баланди рақобат дошта бошанд.

Воқеан, соҳаи маориф дар марҳалаи муосири инкишофи инсоният ба яке аз соҳаҳои муҳимму ҳалкунандаи ҳаёт мубаддал гардидааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид месозанд, ки "... рисолат ва вазифаи муҳимтарини падару модарон тарбияи хуб, ёд додани адаб ба фарзанд ва таъмини шароити мусоид барои ӯ мебошад. Агар ин рисолат бо фаъолияти созандаи омӯзгорон омезиш ёбад, фарзандон, албатта, таълиму тарбияи дуруст мегиранд ва ба роҳи рост ҳидоят мегарданд".

Омӯзиш, таҳқиқ ва дар амал татбиқ намудани фаъолияти созандаи омӯзгорон дар раванди таълиму тарбия яке аз муҳимтарин ҳадафҳои

ҷомеаи имрӯза маҳсуб меёбад, ки дар густариши афкори милливу худшиносӣ ва худогоҳии таърихӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Таъкид бо маврид аст, ки самараи хуби фаъолияти омӯзгор ба фаъолнокии ӯ вобаста аст. Ин ба ӯ бе худтакмилдиҳиву худинкишофдиҳӣ рӯи кор намеояд. Ва агар омӯзгор фаъол набошад, талаботҳои шунавандагони худро қонеъ карда наметавонад. Ин ҷо нуктаҳои Л.Толстойро иқтибос овардан шояд саривақтӣ бошад, ки гуфта буд: «Агар хоҳӣ, ки кӯдакро тариқи илм тарбия намоӣ илми худро хуб бидон, дӯст дор, он гоҳ хонандагон он илмро дӯст медоранд ва ту онҳоро тарбия менамоӣ».

Яке аз қисматҳои марказии фаъолияти омӯзгорӣ ин ангезонидани фаъолнокии омӯзгор маҳсуб меёбад. Ангезонидан – ин ба ягон фаъолият, кӯшишҳо ва ё дастовардҳо водор намудани шахс мебошад. Бо ибораи дигар ангезонидани шахс ин маънои онро дорад, ки инсонро ба коре моил сохта, саъю кӯшиш кунонидан, муносибати хайрхоҳонаи ӯро нисбат ба ӯҳдадориҳои худ муваффақ гардонидан аст. Бо маънои томаш ин мафҳум ва ин меъёр инчунин ба фаъолияти омӯзгорон дахл дорад.

Ангезонидан худ аз худ дар дилхоҳ фаъолият, аз он ҷумла, дар фаъолияти омӯзгорӣ низ ташаккул ва муваффақона ба даст намеояд, яъне нисбат ба чизе ё ба фаъолият бидуни шавқу рағбат муваффақ гардидан номумкин аст. Проблема дар он аст, ки омӯзгор ангезишро дар фаъолияти худ чӣ гуна корбарӣ намояд ва чӣ тавр ҳавасмандӣ ба онро дар худ фаъол намояд? Аксарияти мутахассисоне, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ҳайси омӯзгори синфҳои ибтидоӣ кору фаъолият доранд, ба саволҳои зерин ҷавоб мекобанд.

Рисолаи Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон дар мавзӯи "Муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон" маҳз бо назардошти ҳамин мақсад рӯи кор омадааст.

Рисола аз муқаддима, ду боб, шаш фасл, хулосаи бобҳои алоҳида, хулосаи асосиву феҳристи адабиёт ва замимаҳо иборат аст.

Муаллиф дар муқаддима бо зикри зарурати омӯзиши мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи масъалаи мавриди назар, мақсад, объекти ва предмети таҳқиқот, вазифаҳо, фарзияи таҳқиқот, асосҳои методологӣ ва назарии таҳқиқот, сарчашмаҳои таҳқиқ, аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқот, ҷанбаҳои муҳими навоваронаи пажӯҳиш, пойгоҳи эксперименталии таҳқиқот, даврабандии таҳқиқот, натиҷагириҳо аз таҳқиқот, сохтори таҳқиқот собит намудааст, ки зимни таҳқиқ ба адабиёт ва сарчашмаҳои марбут ба мавзӯи таҳқиқот сару кор гирифта, истифодаи методҳои илмиро дар сатҳи шоиста анҷом додааст.

Дар боби якуми рисола, ки "Асосҳои назариявии салоҳияти касбӣ дар муносибати ангезандагӣ ҳамчун талаботи асосии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ" унвон гирифтааст, перомуни муҳимтарин масъалаҳо чун манбаҳои аслии таълими салоҳиятнокӣ дар муносибати ангезандагӣ, имконоти инкишофи донишҳои заминавии хонандагон, масъалаҳои психологии инкишофи ташаббускорӣ ва эҷодкории омӯзгор, салоҳиятҳои педагогӣ бо таҷдид ва сохтани унсурҳои алоҳидаи низоми педагогӣ сухан рафта, ки муаллиф аксари маврид бо далелу бурҳон собит сохтааст, ки мақоми такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар ташаккули донишомӯзии муҳассилини хурдсол хеле равшан аст. Ҳамчунин дар ин боб заминаҳои сиёсати иҷтимоӣю иқтисодӣ ҷиҳати корбаст ва эҳтироми омӯзгор ва маҳорати омӯзгорӣ ёдрас шудааст, ки муҳим мебошад.

Дар ҳақиқат шароити нави рушди иқтисодии мамлакати мо дар иҷрои вазифаҳои таълиму тарбия низ дидгоҳҳои навгароёнаро тақозо мекунад. Ин тамоюл ҳам дар назарияи муосири педагогӣ ва ҳам дар таҷрибаи пешқадами педагогии ташкили раванди таълиму тарбия, ки ба равандҳои салоҳиятнокии касбӣ дар педагогика барои ташаккули

сифатҳои ҳамаҷонибаи педагог ва хонанда нигаронида шудаанд, торафт бештар зуҳур меёбад.

Моҳият, таркиб ва мазмуни салоҳияти касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ оид ба ташаккули умумитаълимии маҳоратҳои хонандагон ҳамчун истилоҳи педагогӣ метавонад бо кушодани мафҳумҳои якравиягиву якмаъногии "салоҳиятнокии касбӣ", "салоҳияти касбӣ", "касбият", "фаъолияти касбӣ" дар матнҳое, ки истилоҳҳои мазкур таркибан ва мазмунан ворид гардида бошанд, дарк карда мешавад. Маҳз ҳамин мафҳумҳо метавонанд маънои том, дастгоҳи категориявӣ диҳад, ки бо воситаи он фаъолияти касбӣ-педагогии омӯзгор дар ҳамаи самту пайдоишаш тавсиф дода мешавад.

Муаллифи рисола дуруст қайд менамояд, ки салоҳияти педагогии омӯзгор ва унсурҳои он дар муассисаҳои таҳсилотии миёнаи умумӣ, дар раванди фаъолияти касбии ӯ шакл мегиранд. Гузашта аз ин, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бояд дар бораи эҷодкории педагогӣ тасаввурот пайдо карда, барои ин фаъолият як қатор маҳорату малакаро ҳосил карда бошанд.

Яке аз масъалаҳои ниҳоят муҳиме, ки муаллифи рисола дар ин боб ба риштаи баҳс кашидааст, ин масъалаи салоҳиятнокӣ мебошад, ки дар ҷомеаи имрӯза низ аз аҳамият холӣ нест. Муаллиф дар ин маврид таъкид дорад, ки "таҳқиқу омӯзиши ҷанбаҳоии педагогиву психологии ташаккули салоҳиянокии касбии омӯзгор ва хонандагон имкон фароҳам меорад, то ки дар бораи воқеияти таълим, инкишофи малакаҳои донишазхудкунӣ, ҷаҳонбинӣ, ҷаҳду талошҳои онҳо барои нигоҳ доштани моҳият ва истифодаи он дар ташаккулу донишазхудкунии насли наврас тасаввурот пайдо намоем.

Натиҷаи таҳқиқ моро ба чунин хулоса мерасонад, ки муаллиф дар ҳаллу баррасӣ ва муаррифии мавзуъ ва масъалаи салоҳиятҳои муаллим ва хонандагон ба таври ҳирфаӣ баромада тавонистааст. Ҳамчунин дар ин боб перомуни мақом ва нақши омӯзгор дар ташаккул ва таҳаввули

афкори инсоният сухан рафта, ки саҳми омӯзгорро дар мароҳили афкори педагогӣ бозгӯ менамояд.

Дар боби дуввуми рисола муаллиф “Технологияи мукаммалгардонии мазмун ва сифати чорабиниҳо оид ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва шаклгирии муносибати ангезандагӣ”-ро ба маърази таҳқиқ ва баррасӣ гузоштааст.

Дар ин боб муҳимтарин масъалаҳои омодагии ҳирфавии омӯзгорон дар раванди таълиму тарбия ҷиҳати тадриси машғулиятҳо бо назардошти маҳорати педагогӣ ва фаъолияти эҷодӣ масъалаҳои муҳими педагогикаи муосир, таъсири такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, мушкилоти мавҷуда ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи донишазхудкунӣ ва чандин масоили хурду бузург изҳори назар шудааст. Муаллифи рисола сатҳи омодагӣ ва татбиқи технологияҳои навинро аз ҷониби омӯзгорон ҷиҳати ташаккули сифатҳои ҳамаҷонибаи хонандагони хурдсол масъалаи муҳим шуморидааст. Дар ин маврид таъкид медорад, ки: “аз ҷиҳати сифат ва миқдор сатҳи пасти вазъияти ташкили кори таълими хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ошкор гардид, ки сабаби он омода набудани омӯзгорон барои ҳалли ин масъала буд. Омӯзгорон ба масъалаҳои маҳорати педагогӣ ва такти педагогӣ сарфаҳм раванд ҳам, истифодаи босамари технологияҳои навини таълимро ба тавri бояду шояд намедонанд.

Дар ин боб муаллиф ба чунин хулоса мерасад, ки “пеш аз ҳама, мо - омӯзгори синфҳои ибтидоиро, ки ангезонидаи ӯ ба такмили ихтисос ва бозомӯзии, талаботи замони муосири мактаби ибтидоӣ мутобиқат менамояд, мавриди тадқиқ қарор додем. Инкишофи мактаби ибтидоии муосир бо инкишофи кӯдак равона карда шуда, барои фароҳам овардани шароити мусоиди худинкишофдиҳӣ ва худтакмилдиҳии шахсият дар фаъолиятҳои гуногунро таъмин менамояд, ки асоситарини он фаъолияти таълимии мактабиёни хурдсол мебошад. Бинобар он, фаъолияти омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ин пеш аз ҳама, ташкили инкишоф ва тарбияи кӯдакон дар раванди

таълим мебошад. Дарки маънои касбияти худ, қабули вай “барои худ” дар рафти фаъолияти таълимӣ-касбӣ ва дар ин асос ташаккули самти ҳақиқӣ-педагогии инсонпарварона, бояд ангезаи ҳукмфармои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар раванди такмили ихтисосро муайян намояд.

Дар маҷмуъ метавон ба натиҷа расид, ки рисолаи Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон дар мавзуи “Муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоӣ дар шароити муосири низоми маориф” фарогири муҳимтарин матолибу маълумот, фарзияву нашрияҳои муфид ва пешниҳодоти судманд ҷиҳати густариши сифати таълиму тарбия дар мактабҳои ибтидоӣ мебошад.

Бо вуҷуди муваффақиятҳои назаррас дар рисола баъзе аз норасоиҳо ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо ҳусни илмии онро афзун менамояд.

1. Муаллифи рисола хусусиятҳои муаммовӣ-мавзугии дарсро дар синфҳои ибтидоӣ хеле хуб нишон дода тавонистааст, агарчанде аз ташкили ҷанбаҳои таълимӣ ва тарбиявии он, чанд мисолҳо ва далелҳо меовард, рисола боз ҳам мазмуни илмии худро қавӣ мегардонд.

2. Дар рисола таъсир ва аҳамияти мусбати хусусиятҳои психологӣ-педагогии муносибати ангезандагии омӯзгорон ва самаранокии азхудкунии дониш ба системаи таълими мактабачагони хурдсол мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст. Агар таъсири амиқи баъзе аз самтҳои он дар рисола ёдрас мегардид, ҷанбаи илмӣ-интиқодии он дучанд мешуд.

3. Ҷумлаҳои аз назари услуб ва имло таҳрирталаб дар рисола мавҷуданд (саҳифаҳои 17,29,30,43,44,49,56,67).

Ин нуктаҳо танҳо пешниҳод буда, ҳаргиз арзиши назарӣ ва амалии рисолаи мавриди назарро кам намесозанд.

Мазмуну мундариҷа, муқаррарот ва хулосаи асосии рисолаи номзадии Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон дар автореферат ва мақолаҳои сершумори диссертант пурра инъикос ёфтаанд.

Дар асоси мулоҳизаҳои дар боло изҳор шуда чунин меҳисобем, ки рисолаи номзадии Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон дар мавзуи “Муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон” кори мусатқилу мукаммал анҷомёфта буда, дар рушди педагогикаи тоҷик саҳми босазову арзандае мегузорад.

Диссертатсия ва автореферати Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон ба талаботи Низомномаи “Тартиби додани дараҷаҳо ва унвонҳои илмӣ”-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 дар мавриди диссертатсияҳои номзадӣ ба пуррагӣ ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08- назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии
МДТ “ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров” Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович

*Имзои Ш.А.Шароповро тасдиқ мекунам.*
*Сардори РК ва КМ– и МДТ “ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров”* *Наврузов Э.М.*

***Маълумот барои тамос**:735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1. Тел.+992 92 7717870. Почтаи эл. Sharofzod1954@mail.ru*

8.12.2023